*Ба номи Худованди бахшанда ва меҳрубон*

Фарзона

# Ношири баҳор

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд, 2019**

ББК

**Ношири баҳор. Гулчини абёт аз «Девон»-и Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона.**
– Хуҷанд: Ношир, 2019, 104 саҳ.

Мураттиб ва муаллифи сарсухан
**Фарзона Саидумронзода**

© **Фарзона, 2019**

# ПАЙКИ ФАРДОФУРӮЗ

**Боз ҳам бимон, эй шеър, эй василаи эҳё,**
**Як ту зинда медорӣ партави ниҳониро.**

Замоне, ки «Фарҳанги ном»-ро таҳия менамудам, маро лозим омад дар ҷустуҷӯи асноди шоҳид барои ин ё он исми таърихӣ дар радифи осори классикон ба ашъори Шоири халқии Тоҷикистон устод Фарзона низ муроҷиат намоям. Ҳини ворид шудан ба олами шеъри шоир ман наметавонистам соатҳо аз он бадар шавам, зеро ҷаззобияти сухани муаллиф, вожаҳову ибороти нотакрор, фалсафаву ҳикмат, балоғату салосати калом маро он қадар мафтуну маҷзуб месохт, ки тасвирнопазир аст. Дар дафтари баргузидаи абёт, ки бо маслиҳати падари арҷмандам ҳамеша зери дасти ман қарор дошт, аз осори шоир байтҳои мақбулу писандидаамро аз назари шогирдонаи худ сабт мекардам ва, хушбах-

тона, он то имрӯз маҳфуз аст. Аз он замон то имрӯз шеъри устод Фарзона руҳбахши зиндагии ман асту ҳикмату фалсафаи он маро дар зандагӣ раҳнамоӣ мекунад. Инак баъди қариб даҳсол ҷуръате дар ман ҳосил шуд, ки ин мураттаб сохтани як маҷмӯи абёти баргузида аз ашъори шоира, хоса «Девон»-и Фарзонаи Хуҷандист, ки дар ду ҷилд (дорои 500 ғазал) дар нашриёти «Ношир» рӯи чопро дидааст....

Аслан, аз қадимулайём ниёгони маънишиносу мазмунпарвари мо мухлиси сухани воло, шеъри баланд, байти дилҷӯ буданд ва мафҳумоти «байт» ё «мисраи интихоб», «гулчини ашъор» маҳсули ҳамин муҳаббат ба сухан ва маърифати баланди эшон мебошад. Ин аст, ки гулчини мисраву байт таърихи тӯлонӣ дорад ва он маҳсули завқ ва табъи баланди афроди шеършиносу шеърдон буда, то имрӯз садҳо дафтару баёз, ҷунг, кашкӯлу сафинаҳои абёти интихоб дар таърихи адабиёти мо тадвин шудааст. Махсусан, мавҷу-

дият ва маъруфияти мафҳуми «байтулғазал» ва «байтулқасида» дар сарчашмаҳои илмиву адабӣ гувоҳӣ медиҳад, ки аз қадимулайём суханварону суханшиносон аз анбӯҳи абёт ва девони ашъори шоирон шоҳбайтҳоро бармегузиданд. Байтулғазал ба маънии байти интихобӣ дар осори Ҳофизи Шерозӣ ба назар мерасад:

**Шеъри Ҳофиз ҳама байтулғазали**
**маърифат аст,**
**Офарин бар нафаси дилкашу**
**лафзи суханаш.**

Ё Калими Кошонӣ мефармояд:

**Холат миёни абрӯ-т алҳақ ба ҷофитода,**
**Байтулғазал нишоне аз интихоб дорад.**

Дар «Луғатномаи Деҳхудо» шарҳи иборати «байтулқасида»-ро мушоҳида мекунем:

«Байтулқасида – шоҳбайт, он аст, ки нахуст шоирро маънӣ дар хотир ояд ва онро назм кунад ва бинои қасида бар он ниҳад ва

мумкин бошад, ки дар қасида беҳтар аз ин байт бисёр афтад ва оммаи шуаро байтулқасида онро хонанд, ки беҳтарин абёти қасида бошад.

**Бар ду лаъл он ду анбарин мисраъ,**
**Ҳаст байтулқасидаи хати ту.**

Аз ин рӯ, инсон дар ҳамаи давру замон руҳи ҷӯяндаву маърифатпарвар дорад ва нақди сухан, шинохти шеър, гулчини абёт мероси аҷдодии мост:

**Шоирон ҷон дар тани мазмуни**
**рангин кардаанд,**
**Интихоби шеър кардан**
**шоир эҳё кардан аст.**

Аслан, осори шоирон гулистонеро мемонад, ки инсонҳо аз он ҷо гулҳои маънӣ мечинанд. Зоҳиран аз гулистон инсон ҳар чи ба назарашон зеботару мақбултар метобад,

онро интихоб мекунад. Вале мусаллам аст, ки дар гулистон басе гулҳое ҳастанд муаттару зебо, ки аз назари чинанда ниҳон мемонад. Аз ин рӯ, интихоби банда аз «Девон»-и устод Фарзона як гулдастаест аз бӯстони ашъори шоира барои мухлисони шеъри воло. Гулҳои овардаи ман аз гулистони маъонӣ бо шамими атрогини худ бовар дорам хонандаро ба сӯи гулбоғи осорашон хоҳад кашид.

**Ҷо мекунанд некон дар ҳар диле,**
**ки бошад**
**Дар сад сафина сабт аст байте,**
**ки интихоб аст.**

**Фарзона Саидумронзода**,
*муаллимаи Колеҷи омӯзгории*
*ба номи Хосият Махсумоваи*
*ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

* * *

Дар ман Ватану Модар пайванди
мунаввар ёфт,
Яъне натавонам гуфт, ин аввалу он сонӣ.

* * *

Эй нанги Ватан, боре тоҷик шуданат бояд,
То чанд хуҷандиӣ ё вахшиву хатлонӣ?

* * *

Туро тамомии офоқ дӯст медорад,
Яқин, ки дӯст надорад касе фузун зи манат.

* * *

Саломатии ту мехоҳам аз Худо, аммо
Зи дарди мо ба ту ҳам андаке сироят бод.

* * *

Партави дарун афрӯз, баски ҳеҷ пайдо нест,
Дар салони зебоӣ асли нозаниниҳо.

* * *

Агарчи ёди ту дар сар бибурдам хешро аз ёд,
Маро ҳаргиз намебинад нигоҳи чашми худбинат.

* * *

Дилам ҷаридаи субҳ асту Корсози азал,
Ба ин ҷарида пазируфт сардабир туро.

* * *

Он азизе, ки ба ман нақди амонат бахшид,
Қасди бистондан агар дошт, чӣ биспурд маро?!

* * *

Айбам макун, ки маърифати ман накардаӣ,
Маҳро шинохт, он ки барандохт ҳоларо.

* * *

Дар нӯҳ фалак садо зад фарёди беҷавобам,
К-он ошнои рафта дар ошёнаи кист?

* * *

Ҳоҷате набвад, ки номашро канам рӯи нигин,
Ман, ки дар ёқути дил ҳақ кардаам Аллоҳро.

* * *

Ба хоҳиши дили мо чист посухи боло,
Тамоми хоҳиши Парвардигор қонунист.

* * *

Офарин, эй ки зи сифр оғоз кардӣ корро,
Андак-андак то фалак бардоштӣ деворро.

* * *

Осон набошад, эй дӯст, дар зеҳни ин ҷамоа,
То фикри дил кашидан андешаи шикамро.

* * *

Ҳосидеро гуфтам: эй арзанзамири кӯҳхор,
Қулла шав в-он гаҳ бизан хуршедро минқорҳо.

* * *

Ман, ки пиёда меравам, фарши зумуррадӣ ниҳанд,
В-ар ки зи кибр сар кашам, чаппа кунанд аробаро.

* * *

Сад таҷриба кунандат бо зарбаи паёпай,
Аҳсан, ки метапӣ боз, эй дил, дили тавоно.

* * *

Гуфтаӣ: Доруи ман ҳарфи масеҳоии туст,
Ин аҷаб бин, он чи мебояд туро, бояд маро.

* * *

Як фикри туст дар сари мо, эй ки додаӣ,
Фикри биҳишту дӯзаху аъроф омаро.

* * *

Эй ба бадгилӣ бадном,  дар ту ҳусн меҷӯям,
Чашми ман намуд оғоз сабки нағзбиниҳо.

*  *  *

Чу ту бо теғи хунсардӣ дили моро қалам кардӣ,
Қалам ҳам теғ мегардад кунун бар
разму бар кинат.

*  *  *

Ширин ба бар бигираму дар мағзи худ ҷабам
Ин чанд рӯзи додаи Парвардигорро.

*  *  *

Баркандагӣ мабод дар ин ҷамъи ҷӯри мо,
Ҳар субҳ бод номабиёри сурури мо.

*  *  *

Гарм аст, маҳфиле, ки ту бошию чун туе,
Эй меҳрубон, тарона бибанд ин баҳорро.

*  *  *

Васли мо чӣ мӯҳкам буд, эй баҳори савсанмуҳр,
Аз ту чун пазироям қатъи ногаҳониро.

*   *   *

Фардо, ки ман набошам, аё офтоби ринд,
Аз номи ман бибӯс ҷабини баҳорро.

*   *   *

Метавон бе ишқ ҳам рафтан давоми роҳро,
Баҳри бемеҳре намеарзад кашидан оҳро.

*   *   *

Милён диле бемори ту, аммо дили фарзона ку,
Дар байни сад пайдо шинос, эй дӯст,
пинҳони маро.

*   *   *

Як хат нахондаему ғарибона гум шуданд
Як-як зи бемухотабии хеш номаҳо.

*   *   *

Ғурбати сардаму танҳоии бепоёнам,
Дӯстиҳои абас бештар озурд маро.

*   *   *

Берифъатему хидмати ҷавҳар накардаем,
То кай буванд ҷомеъаҳо ҷамъи ҷомаҳо?

*   *   *

Беҷону бесурат шудам, эй сурати ҷон, бозгард,
Хушбахт кун, хушбахт кун,
хушбахт чашмони маро.

*   *   *

Бечора васл аз бехудӣ пар-пар заду ноком монд,
Васле, ки ҳаргиз ҳис накард оғӯши ҳиҷрони маро.

*   *   *

Рашки сад оина будам ба таҷаллорезӣ,
Дасти зангори касе омаду бистурд маро.

*   *   *

Ҳавои рӯҳи маро тоза кун ба омаданат,
Биҳиштро ба замин кӯч деҳ ба як суханат.

*   *   *

Бо нафасат варақ бизан шоҳкитоби сурхи гул,
Варна муқова мекананд нохуни бод аз он китоб.

*   *   *

Ҳар кӣ побанди ғами худ,
ғарқи ташвишу тараддуд,
Ҳар сару сад гуна савдо, боз ман танҳову танҳо.

*   *   *

Парда туӣ, роз туӣ, эй ҳабиб,
Парда фитад, боз туӣ, эй ҳабиб.

*   *   *

Мани фонӣ як омадан дорам,
Туи боқӣ ҳазор бор биё.

*   *   *

Дӯстро гуфтам: Чӣ дастовез бар пирӣ барӣ,
Гуфт: бо худ мебарам як доман истиғфорро.

*   *   *

Фатвои озодӣ биёр бар фитрати занҷирбанд,
Чун осмон бинмо васеъ, эй ишқ зиндони маро.

*   *   *

Ба шарҳи вожаи ҳастӣ чӣ метавонӣ гуфт,
Ки ҳалли он на зи худ ёфтему не зи китоб.

*   *   *

Гадотабъо, гадо будиву мондӣ
Ба сад дебо кашӣ урёниятро.

*   *   *

Ҳар гардро аз пешу пас, эй дил,
ту ҳам бар худ магир,
Он сон, ки мешояд туро, вораставу зебо баро.

*   *   *

Розам чаро бараҳна ба номаҳрамон расид,
Қосид магар дарид гиребони номаро.

* * *

Дигар чӣ аз ин гирумон, бо дигарӣ, бо ӯ бимон,
Эй орзуи ҷовидон, бодо паноҳат бар Худо.

* * *

Ишқ, чӣ дер омадӣ, баъди гузаштани баҳор,
Гард заду хароб кард ин гули деррустаро.

* * *

Ҳуруфе дорам, аммо андалебон сахт меранҷанд,
Зи бемаҷнунии гулгашту бефарҳодии гулҳо.

* * *

Чаман андар чаман гӯям муборакбодии гулҳо,
Ки барпо мешавад имшаб шаби эҷодии гулҳо.

* * *

Дӯст, рафтиву нагуфтӣ, сабаби қаҳр чӣ буд,
Бо туям бори дигар гуфтугузор аст, биё.

*   *   *

Ба рӯҳи худ чӣ хуронам, ки гушна мемирад,
Дар ин ҷамоа, ки мастанд аз шаробу кабоб.

*   *   *

Эй ишқ, эй ки муъҷизаи ғайб мекунӣ,
Таъмир кун харобаи милярдсоларо.

*   *   *

Ҳама оғози неки ман зи дидори нахустинат,
Ба дил чизе намеғунҷад ба ғайри ёди ширинат.

*   *   *

Қасам ба ишқ, ки рашки фаришта хоҳам шуд,
Агар ба ман бифишонӣ ғубори пираҳанат.

*   *   *

Хӯрданӣ нест, диданист биҳишт,
Вақти ислоҳи Одам аст, биё.

*   *   *

Дил, эй дили ман, чу ниниӣ ту,
Чу ниниӣ ту, нарав ба мактаб

*   *   *

Зи пасам дуову нафрин, чӣ бигӯӣ, ихтиёрат,
Ки фаротар аз ту бурдам дили арҷманди худро.

*   *   *

Ба куҷо занам, Худоё, сари дардманди худро,
Ба чӣ раҳ нишот бахшам дили ғамписанди худро.

*   *   *

Охир, эй ишқ, биё, сабки ҷадидам омӯз,
Дар дили кӯҳнаи ман нағмаи пор аст, биё.

*   *   *

Дили озод, чу ту ҳамқафасе нест маро,
Ҷуз ту, эй дур дигар дастрасе нест маро.

*  *  *

Падруд, ҳабиби дил, дил мурд  зи ҳиҷронат,
Дил мурд, муборак гӯ бо куштани осонат.

*  *  *

Дар замони компутар ҳамчу шохи динозавр,
Дар музей ҳам набвад устухони Маҷнунҳо.

*  *  *

Дирам дарҳам зада инсониятро,
Риё хӯрда фари рӯҳониятро.

*  *  *

Чу Азроил ояд, ришва бигзор
Ба ҷайбаш доллару сомониятро.

*  *  *

Бирез субҳи сафоро ба ҷони душману дӯст,
Ба ҳар кӣ дузд бувад, ҳадя кун шаби маҳтоб.

*  *  *

Дӯст, дӯст, ёрӣ кун, бо ҳам, эй шафақтаркиб,
Қалбҳои чиркинро мезанем собунҳо.

*  *  *

Зиндагонӣ мекунад дар жандаи садсолае
Навҷавонии гурусна бо пули идрорҳо.

*  *  *

Хоби абад, ки дар пай аст, хез ба ҷашни зиндагӣ,
Гӯй, ки чист зиндагӣ баъди ҳазор соли хоб.

*  *  *

Худо, ки дод чунин хилқати мунир туро,
Инояти азалӣ бод дастгир туро.

*  *  *

Ишқ дарбаста ба ман буду кунун аз сари лутф
Телефун зад ба ману гуфт, ки кор аст, биё.

* * *

Ҳазор кардам, намурд ин ишқ,
Намурд ин ишқ ба хӯрдани ҳаб.

* * *

Шабон нишастану ба хома ишқ варзидан,
Барои туст ҳаловат, барои мост азоб.

* * *

Ба ту ишқи парастувона мароет,
Ту ба ин ишқ шак наёр, биё.

* * *

Ҳафт шаҳри ишқро паймудан оғози раҳ аст,
Ҳолиё, то ман раҳат дур аст, эй кишваркушо.

* * *

Кулбаи пурсурури мо рашки тамоми қасрҳост,
Кабкпалав намедиҳад лаззати ин пиёбаро.

* * *

Савганд хӯрдааст ба нурофарандагӣ,
Кай дидаӣ шикастани савганди офтоб?!

* * *

Кори ман мавсимиву кори ту ҳам,
Баҳри роҳат наё, ба кор биё.

* * *

Гар паёми корсози ғайбро мебишнавӣ,
Кори ту боре намеафтад ба соҳибкорҳо.

* * *

Баъд аз ин ҳаргиз наову дарди кӯҳафкан маёр,
Ишқ, рав, дигар мадеҳ заҳмат мани худкоҳро.

* * *

Рустамӣ бояд туро, эй насли фардоофарин,
Кӯр шуд имрӯзи ту дар кӯчаву бозорҳо.

*   *   *

Лай-лаи сурурy базм в-ин даводави беназм
Мебарад маро охир сӯйи чиллашиниҳо.

*   *   *

Манъ кун мошинаро, ман мефароям, эй ҳаёт,
Марг раҳбон асту медонад куҷо бояд маро.

*   *   *

Номи ту бигрифтаму боло шудам,
Матлаъи парвоз туӣ, эй ҳабиб.

*   *   *

Умре ба ҳам дилбастаем, аммо ҷудоему ҷудо,
Як лаҳза дидоре расад, он ҳам шавад маҳви сано.

*   *   *

Раҳораҳ пахш кардӣ адлу инсоф,
Чаронда мошини ҷопониятро.

* * *

Ишқ дар барномаи ин қарни мошинсоз нест,
Ҷавҳари нарме ниҳон дар пайкари рӯин, биё.

* * *

То маро аз он табиби ғайб ёрӣ мерасад,
Ман ба номат менависам беҳтарин тӯморро.

* * *

Вақт, бигзор, ки таҳрир кунам фардоро,
Рӯди навсамт шавам, тоза кунам маҷроро.

* * *

Милиён наҷм нашуд ҳамшарари як хуршед,
Як туӣ, як ту, назири ту касе нест маро.

* * *

Эй ҳастият- паноҳгаҳи охирини ишқ,
Мардӣ бикун, наҷот бидеҳ бовари маро!

*   *   *

Сахт бошад, ки кашам қофилаи не-неро,
Саҳл бошад, ки барам силсилаи ҳо-ҳоро

*   *   *

Шамс ба ҳаққи хидматаш пайса нагирад
аз замин,
Хайру сахо нисор кун, лек маҷӯ, маҷӯ ҷавоб.

*   *   *

Ду ошноем дар ин раҳи дур, равандагонем
ба кишвари нур
Ману таманно, ману таманно, ману таманно,
ману таманно.

*   *   *

Бе ту хомӯштарин, бо туям  овозтарин,
Ишқ, хуш бош, ки ҷуз ту ҷарасе нест маро.

*   *   *

Одию заминиям байни осмониён,
Осмониям, оре, байни ин заминиҳо.

*   *   *

Мекунам таҳнияти тозаи милод туро,
Меравам, то зи ҳузурам кунам озод туро.

*   *   *

Эй олами тунукмеҳр, аз ту наям хунукмеҳр,
То вопасин тапидан, то охирин таманно.

*   *   *

Сарфи ҳарзаҳо кардам давлати ҷавониро,
Интизор биншастам ёри ормониро.

*   *   *

Омадӣ, ёр, ки бар хотири ман боз орӣ
Ишқро, отифаро, оинаро, дарёро.

*   *   *

Саҳархезон, ки дарсомӯзи мактабхонаи субҳанд,
Забони нур медонанду ҳарфи офтобиро.

*   *   *

Вақте ки тан ба сурати ҷон тарки ранг кард,
Зевар дигар чӣ кор кунад пайкари маро.

*   *   *

Боз ҳам бимон, эй шеър, эй василаи эҳё,
Як ту зинда медорӣ партави ниҳониро.

*   *   *

Хокро дидам, ҳама наҳс асту пастию риё,
Ишқ медонад, ки авҷи кибриё бояд маро.

*   *   *

Як умр бас ки бо ҳама кас нарм будаем,
Мешармад аз дуруштии худ санги гӯри мо.

* * *

Ихтисори шафақ аз субҳи ман, эй дӯст, накун,
Ба саҳарханда бибур гардани ин шабҳоро.

* * *

Дар тоқи синаам монд сад ҷилди бастаи меҳр,
Ҷон додаму касе ҳам боре нагуфт «ҷоно».

* * *

Таъхир мекунам ман дар истифодаи вақт,
Эй офтоби пешин, дарёб субҳдамро.

* * *

Омаданат ба чашми ман субҳтарини субҳҳост,
Ҳеҷ надидам инчунин омадани хуҷастаро.

* * *

Тавбаи деркардаам  то дари ӯ расид? На?
Тоза ба тоза дидаам раҳмати Кирдгорро.

*   *   *

Бар беваю бечора дарёи карам гаштӣ,
Вақте сари як дирҳам ларзанд таҳамтанҳо.

*   *   *

Зи фалак, ки рухсат омад, раҳи бетуӣ гирифтам,
Ки зи ботуӣ шикастам ҳама банд-банди худро.

*   *   *

Гар дӯстии мо ҳам рӯзе бишавад охир,
Якдонаи ман монӣ, як дона зи хирманҳо.

*   *   *

Эй хоб, эй ки умри маро дам кашидаӣ,
Аз ман салом гӯ маҳи шабзиндадорро.

*   *   *

Дар ин  маҳал ҳама хубанд, хубтар аз хуб,
Дар ин макон ҳама хобем, хобтар аз хоб.

* * *

Худкушӣ ҳам осон аст аз худофаринихо,
Боядам рахе бикшод аз гираҳҷабиниҳо.

* * *

Чаро аз ҷӯйборе хулқи дарёӣ талаб дорӣ,
Чӣ хоҳӣ аз мани зангорбаста инқилоберо.

* * *

Бо омади номаҳрамон яксар фирор овардаанд
Аз субҳи ман хуршедҳо, аз шоми ман маҳтобҳо.

* * *

Ҳикмате дошт, ки ман фаҳм накардам зи нахуст,
К-аз чӣ бар қисмати ман дӯст фиристод туро.

* * *

Чашмҳои ту наёмад бар тавофи чашми ман,
Эй ҳаҷат ботил, магар гум кардаӣ даргоҳро?!

*   *   *

Рафтам, зи пасам гуфтӣ: Эй рафтаи беосор!
Нақши қадамамро шуст фаррош зи долонат.

*   *   *

Гунаҳам кӯҳу тавбаам коҳест,
То ба рӯзи шумор фурсат ҳаст?

*   *   *

Дарди ман дигар пир аст, чора сохтан дер аст,
Эй абераи Сино, то ту чун тавонам рафт.

*   *   *

Бовар накун, азизам, бар ваъдаи саодат,
Бар ваъдааш напояд дунё, ки сахт дун аст.

*   *   *

Маҷлис дар авҷу қаҳқаҳа фарёд мекунад,
Аммо манам, ки дӯст бидорам фирорро.

*    *    *

Зи пушти нӯҳ фалак меояд овози начоти ёр,
Дигар бебок сӯи охирин овоз бояд рафт.

*    *    *

Ишқ, озодӣ ончунон, ки туро
Метавон бе тариқу мазҳаб ёфт.

*    *    *

Қалби ману ту, ки нур дар нур тапид,
Обуна ба рӯзномаи хуршед аст.

*    *    *

Ба ғайри хотираи ишқ дар дили доро
Маро дигар чӣ захира, чӣ оқибандоз аст.

*    *    *

Бубин, ки ишқи ману ту сахт монеа шуд,
Ба роҳи омадани дай, ки гулбарандоз аст.

*   *   *

Ман ин нестам, ин ки имрӯз дидӣ,
Дигарбора бингар, ки ман онам, эй дӯст.

*   *   *

Барои он ҳама ҷабрат қасос мегирам,
Қасосам ин ки зи нав гӯям аҳсанат, эй дӯст.

*   *   *

Он сон ки ҷома таъна занад бар бараҳнагӣ,
Урёнӣ инчунин шумарад айби ҷомаро.

*   *   *

Умрҳо беҳуда ҷустам илтифоти кадхудо,
Кадхудо бигзор алтофи Худо бояд маро.

*   *   *

Дило, мухолифати мо мувофиқат нашавад,
Миёни мову ту ин гирудор қонунист.

*  *  *

Тӯфони ишқ минтақаи амни мову туст,
Бо маҳзи лутф хатти амонии ман фирист.

*  *  *

Ишқро бо чӣ тавонад пардохт,
Ки фақат ишқ ҷавоби ишқ аст.

*  *  *

Чун бувад бартар аз намоз намоз,
Бартар аз ишқ боз ҳам ишқ аст.

*  *  *

Ту тарҷумони забони ситорарези шабӣ,
Шаб аст, чашми ман, оре, шаби пурасрор аст.

*  *  *

Ба иштибоҳ туро соҳиби дилам хондам,
Аз ин вазифаи зебо кунам сабукдӯшат.

*   *   *

Ба ҳаққи он, ки туро сахт ёд мекардам,
Қасам, ки саҳлу сабук мекунам фаромӯшат.

*   *   *

Гул дар мазори дӯст ниҳодан чӣ ҳоҷат аст,
Хуш он ки гоҳи умр биёяд ба ёрият.

*   *   *

Бигӯ, зи ҷониби худ ман чӣ метавонам кард,
Ки ҷумла бастаи барномарези пешонист.

*   *   *

Садои рафтани умр аст тиқ-тиқи соат,
Чунин давидани ин ҳарду номусалмонист.

*   *   *

Басе чашмобачашмон дилҷудоянд,
Қарибӣ низ ҳаммаънои дурист.

*   *   *

Ғами мову ту монанд аст, эй дӯст,
Бале, дар ҳамғамиҳо ҳамсурурист.

*   *   *

Ваҳдати зебо бувад шабнаму хуршедро,
Фурсати ин растахез камтарак аз як дам аст.

*   *   *

Дӯсттар аз ту маро, эй беназира, дӯст нест,
Хасмтар аз ман намедонам, маро кӣ душман аст.

*   *   *

Дӯстии як туи бемисл ҷуброн мекунад,
Душмании сад ҳазоронро, ки бадхоҳи ман аст.

*   *   *

Модарам бардошт сақфи хонаро болои даст,
Пирии ӯ нозанинтар аз ҷавонии ман аст.

*  *  *

Медорадам саломат он ҳақгузори якто,
Гарчи зи чор сӯям таҳдиди сад газанд аст.

*  *  *

Накардӣ ҳеҷ гаҳ яктопарастӣ,
Дили бодии ту якчандмаҷрост.

*  *  *

Худо пул кашид аз дилам то дилат,
Хиёнат, ки по монд, он пул шикаст.

*  *  *

Чу ишқ мурд қалам ҳам фалаҷ шуду афтод,
Ба зодрӯзи муҳаббат дубора хома фирист.

*  *  *

Лаззат наёфт он ки туро саҳл-саҳл ёфт,
Лаззат гирифт он ки туро сахт-сахт ҷуст.

*   *   *

Бо чунин покрисолат чӣ шарафмандам ман,
Ки муҳаббат ба дилам то ба қиёмат бор аст.

*   *   *

Раҳ ба раҳ бо ҳама дил машъала бояд афрӯхт,
Дили мову ту дар ин масъала ҳам ҳамкор аст.

*   *   *

Дар он талхии васловаслу ширинии ҳаҷроҳаҷр,
Дили ман бо дили ту ҳамтариқат буд, акнун нест.

*   *   *

Чаро дер омадӣ, эй ишқ, эй ояндаи рафта,
Барои интизорӣ  низ фурсат буд, акнун нест.

*   *   *

Мушаке зи сӯрохе гар кунад мазоҳи шер,
Ман чӣ мекунам пархош, кори ман қазоват нест.

*   *   *

Ҳар гуноҳи пинҳонро чашми ғайб мебинад,
Ӯ, ки медиҳад подош, кори ман қазоват нест.

*   *   *

Боло нигарӣ, фанд аст, поин нигарӣ, фисқ аст,
Аз дӯзахи он дунё касро ғаму биме нест.

*   *   *

Халқ гӯяд: «Ишқ кайҳо мурду аз он ном монд»,
Ҳаст! Медонам, ки ҳаст, аммо намедонам, куҷост.

*   *   *

Гуфтам: аз ҷӯи паси хона бирав об овар,
Гуфт беҳавсалае: ҳиммати Фарҳодаш нест.

*   *   *

Бо доварии ман нарасад ҳақ ба ҳақгузор,
Яъне дурӯғ боз биёбад зафар ба рост.

*     *     *

Вақте ки дил дубора надорад мадори ишқ,
Дигар дар ин тиҳикада будан чаро, чарост?!

*     *     *

Пазир он чи аз осмон мерасад,
Куҷо мегурезӣ зи пешониат?

*     *     *

Нагиранд асли туро ҳеҷ гоҳ
Ҳама аксгирони ҷопониат.

*     *     *

Касеро, ки дар ғайб нафрин кунӣ,
Ба пешаш назебад санохониат.

*     *     *

Биё, ғайби ӯро ҳузураш шумор,
Ки пайдоии туст пинҳониат.

* * *

Яке дарди сар шуд зи донoият,
Дигар ҷурм гирад ба нодонияaт.

* * *

Дилӣ кун дар ин давраи бедилӣ,
Ки имон биёрам ба инсоният.

* * *

Ҳаввои ту кист, ман надонам,
Донам, ки як одам Одами мост.

* * *

Чашмони ту дар шариати ишқ,
Номаҳрами мову маҳрами мост.

* * *

Зиндагии маро чӣ мепурсӣ,
Ҳамчу ёди ту талху ширин аст.

*   *   *

Дарк кардам, ки дар хилофистон,
Дӯстӣ ҳиссиёти камчин аст.

*   *   *

Мезиям, чунки бо супориши Ҳақ
Будани ман ба ишқ даркор аст.

*   *   *

Ғайри ғафлат кӣ мекушад моро,
Мо, ки хобем, вақт бедор аст.

*   *   *

Зиндагиро чӣ сон дигар созем,
Зиндагӣ як мудели тайёр аст.

*   *   *

Афв кун зарбаи дили моро,
Гар на аз рӯи ҳадду меъёр аст.

*   *   *

Ба ниҳон омаду дар пешгаҳи дил ҷо шуд,
Ёди бологузари ту, ки басе мӯҳтарам аст.

*   *   *

Дирӯз аз наомаданаш дод мезадам,
Омад кунун, зи омаданаш низ дод, дод.

*   *   *

То ишқ бувад, манам ҳама ишқ,
То ёд бувад, манам ҳама ёд...

*   *   *

Васлро ҷой надодем ба барномаи ишқ,
Ҳадяҳое, ки ба мо дод, фақат ҳиҷрон дод.

*   *   *

Омад ин давраи атомиву компутерӣ,
Омаду фалсафаи ишқи маро поён дод.

* * *

Доду гирифти даҳррабоён гузаштанист,
Танҳо муҳаббат аст, ки пирӯз мешавад.

* * *

Ба ту самти меҳрам, ало кинаварз,
Чаро меҳр бигзашту кин нагзарад?!

* * *

Бо он ки кӯҳна гаштам, ман одами пагоҳам
В- ар одами парерам, мурдан намегурезад.

* * *

Онро, ки ёрро натавонист ёр дошт,
Ноёрро чӣ гуна ба худ ёр мекунад.

* * *

Бо ин ҳама хато, ки дил карду карданист,
Уммеди лутфи ҳазрати Саттор мекунад.

*     *     *

Даст бар дил мебарам аз баҳри тафсири тапиш,
Ишқ дар хомӯшии лабрез қул-қул мекунад.

*     *     *

Дил фол мезанад, ки касе дӯстдори ӯст,
Худро ба ин дурӯғи абас шод мекунад.

*     *     *

Кист, кист он якто, он ки ҳаҷри бетаркаш,
Ҳамтаронаи дил шуд, ҳамсаодати ҷон шуд.

*     *     *

Хушбахттарин каси ҷаҳонам,
Бар реши дили фигор савганд.

*     *     *

Рӯзи азои ишқ- расидан ба васли туст,
Рӯзе, ки интизор ба анҷом мерасад.

* * *

Ман туро, шеър, эй фардотарин,
Пайки фардофурӯз хоҳам кард.

* * *

Рафтанат чашми маро бар зиндагонӣ боз кард,
Ҳар қадар ҳам қиссаро фарҷом дод, оғоз кард.

* * *

Охирин хонандаи розам ба рози ҳақ расид,
Ман чӣ гӯям, ҳарф натвонад маро иброз кард.

* * *

Рӯҳро густурда бояд дошт баҳри мақдами дӯст,
Бехабар меояд он ҷоне, ки ҷонро менавозад.

* * *

Мерасаду намерасад номаи ман ба номи ту,
Номаи бебаёни ман мерасаду намерасад.

*   *   *

Ёдаш ба хайр беадабии шабобро,
Дил гарчи пир гаштаву боэҳтиром шуд.

*   *   *

Ҳоло бубин, тамомият оғоз мешавад,
Оғози ту агарчи ба зоҳир тамом шуд.

*   *   *

Ало, эй ишқ, эй веростори ҷадвали тақвим,
Фақат ту фурсати ҳастии моро мекунӣ тамдид.

*   *   *

Ҷавонмардона карданд эҳтиёт аз сӯзи маҷнунӣ
Дили беишқи худро сояпарвардони маҷнунбед.

*   *   *

Бимон, ки дар лаби ман ҳам бимонад ояти ишқ,
Бизӣ, ки дар дили ман ҳам зияд фурӯғи умед.

*    *    *

Ошиқон берун зи лавҳу ҷадваланд,
Зинда баъди субҳи маҳшар омаданд.

*    *    *

Дар мақоми ишқ таҳту фавқ нест,
Чокару хусрав баробар омаданд.

*    *    *

Масти аласт кист дар ин базми обу гил,
Садроҳагон кай аз пайи якдона мераванд.

*    *    *

Дилро гузашти вақт каме боадаб накард,
Ин пири пир баччаи беинтизом шуд.

*    *    *

Бояд салом доду алайке талаб накард,
Некӣ тамаъ ки дошт, ҳамоно ҳаром шуд.

*   *   *

Ин дил, ки дар асорати ташвиши зиндагист,
Сад бор кард кӯшишу охир ғулом шуд.

*   *   *

Аслан абадият чист, нав будану нав мондан,
Бар кӯҳнаҳасудон гӯ: он тозасафир омад.

*   *   *

Ба саломатии ҷонат кӣ чӣ кор метавонад,
Ба ҷуз ӯ, ки дар ҷабинат хати нек чида бошад.

*   *   *

Ҳурмати ишқи ту лабҳои маро барҳам дӯхт,
Хомушам, хомуш агарчанд сухан меранҷад.

*   *   *

Эй ишқ, иҷоза деҳ, ки аз нав
Сӯи ту кунам хитоб: Баргард!

*   *   *

Бас аст ҷилваи беҳуда кор бояд кард,
Ба зиндагӣ нигаҳи нав нисор бояд кард.

*   *   *

Агарчи сахт бузургӣ, туро, туро, эй ишқ,
Ба дӯши нозуки дил боз бор бояд кард.

*   *   *

Фаҳшро ишқ шиносад магасиро пилӣ
Қавми имрӯз, ки имони мушаббак дорад.

*   *   *

Кӣ ҳаст ҷуз ман ба фикри ин дил,
Ки ишқ дорад ва ё надорад.

*   *   *

Дареғи хасм, ки чашмаш ба ғайри бад дидан,
Дигар вазифаву ташвишу кору бор надорад.

*   *   *

Чӣ гуна ишқи башарро ба сина ҷо бидиҳад
Ҳар он касе, ки дилаш ишқи Кирдгор надорад.

*   *   *

Занг зан эй ёр, ки занги қадим,
Зуд зудоӣ зи дилам зуд, зуд.

*   *   *

Дар фосилаи салому падруд,
Дидем ҳар он чи диданӣ буд.

*   *   *

Олам ҳама доми нонамоест,
Дар дом кӣ метавонад осуд?

*   *   *

Хуш он ки дар ин дурӯза дунё
Раҳҳои ҳазорсола паймуд.

* * *

Хуштар зи хуш он, ки аз дили мо
Ғамҳои ҳазорсола биздуд.

* * *

Ҳазор қофила падруд ҳам, ки бифристӣ,
Ҳазор қофила бар номат, эй ягона дуруд.

* * *

Бо хомаи мо кай метавон кард
Ислоҳи одам, падруд, падруд.

* * *

Тапад ҳар сония қалбам фузунтар аз саду чил бор,
Вале як гул, гули сурӣ ду ракъат ишқ мехонад.

* * *

Таҳният гӯ дили маро, ки кунун
Бори дигар ба зистан сар кард.

*   *   *

Он ягонаи аслӣ аз раҳи маҷоз омад,
Шодиёна деҳ, эй дил: ишқ, ишқ боз омад.

*   *   *

Бар фарангие гуфтам, қанди порсӣ дорӣ?
Гуфт, аз диёри ту сад вагон пиёз омад.

*   *   *

Эй дили залили ман, пеши кас мабар ҳоҷат,
Арҷманди олам шуд, он ки бениёз омад.

*   *   *

Ишқ меояду дил ҳам ба задан меояд,
Ноқиле аз дили ту то дили ман меояд.

*   *   *

Саҳар амини гузар муждаи дурӯғин дод,
Ки бар маҳаллаи мо ҳам чароғ меояд.

* * *

Эй қалби фурӯмурда в-аз бекасӣ озурда,
Аз ҷумлаи бедорон ҳамрози нават бояд.

* * *

Муҳаббат баҳри ман ваҳйи Илоҳист,
На мавзӯи қадимиву забонзад.

* * *

Ҳарфи ман ҳама ҷон шуд, ҳарфи тан чӣ мегӯӣ,
Ҳарфи тан магӯ, эй ҷон, пой то сарам дил шуд.

* * *

Дами охир ба ҷуброни ҳама ноомаданҳояш,
Муҳаббат бар ҷаҳон як бор меояд, намеояд.

* * *

Озмоиш омаду ишқи ту ҳам мағлуб шуд,
Чеҳраи маҳбуби ман пеши ту номаҳбуб шуд.

* * *

Дил асое дошт бо номи муҳаббат то ҳанӯз,
Он асо бишкаст имрӯзу дилам маъюб шуд.

* * *

Дил тиҳӣ шуд, дил тиҳӣ шуд, дил тиҳӣ шуд,
дил тиҳӣ,
Чунки ҷорӯби хиёнатҳо саодатрӯб шуд.

* * *

Дӯст аз нодӯст шуд ташхис дар ин имтиҳон,
Ҳосили бишнохтанҳо хуб ё нохуб шуд.

* * *

Ту дуои маро надида нагир,
Ки мададгори ҷовидони ту шуд.

* * *

Садбаргро мутолиа кун, эй чамантабор,
Аҳсант гӯ ба ҳавсалаи нošири баҳор.

* * *

Гӯянд, дил бидеҳ, надиҳам, баски дил маро
Он қадр кӯҳна шуд, ки наоянд дигар ба кор.

* * *

Шеър меъроҷ аст ё афтодагӣ,
Ишқ-парвоз аст, ё хоки мазор?!

* * *

Бар нишонии кӣ бифристам туро,
Эй дил, эй дил, номаи ноинтишор?!

* * *

Ишқ туӣ, ишқ туӣ, ишқ ту,
Сабзтарин ҳадяи Парвардигор.

* * *

Эй маърифат, эй фариштаи мӯъҷизакор,
Дар кӯчаи мо низ бикун гаштугузор...
Ороиши рӯву мӯ гузоранд ҳама,
Берун бидаванд бонувон аз толор.

* * *

Афсӯс, ки моҳвора ҳам қодир нест,
То пахш кунад аз осмонҳо ахбор.

* * *

Навҳа кашӣ ё накашӣ, ишқ мурд,
Мард бишав, ҳой дили сӯгвор.

* * *

Шукр бигӯяд, ки нафас каш, нафас,
Куфр бигӯяд, ки нафас боз дор.

* * *

Роҳи ману ҳама кас шояд, ки инчунин аст:
Аз иштибоҳ рафтан то иштибоҳи дигар.

* * *

Сад тавба як гунаҳро шӯяд ва ё нашӯяд,
Сад тавбаро дилам шуст бо як гуноҳи дигар.

*   *   *

Аз қоби дил бигирам тимсоли ину онро,
Аз хокиён насозам хуршеду моҳи дигар.

*   *   *

Эй дӯст, аз ҳамин шаб ишқи туро пазирам,
Гар зиндаам гузорӣ то субҳгоҳи дигар.

*   *   *

Худ ту ишқӣ, бале, фақат ишқ аст
Маънии модару Худо, модар.

*   *   *

Қарзи ман аз ду олам афзун аст,
Ба чӣ раҳ мекунам адо, модар?

*   *   *

Эй нусрати раббонӣ, эй қуллаи инсонӣ
В-эй аз ҳама болотар, бемор нашав, модар.

*   *   *

Ҳой гулҳои азиз! Омадану рафтан чист,
Чист ин тантанаи зиндагии пар-пар-пар.
Бо шитобе гузаранду ба шумо кай нигаранд
Ин ҳама халқ, ки бар оши наҳоранд хабар.

*   *   *

Фолбине гуфт, ки ишқат ба ғуруб омадааст,
Рост ҳаргиз набаромад сухани ҷодугар.

*   *   *

Дили хушбахти ман бо савти гуп-гуп
Нидо дорад, нидо: сад шукр, сад шукр.

*   *   *

Ин ҳама фахру ноз чист, эй ки ҳамора будааст,
Мастият аз шароби кас, серият аз кабоби ғайр.

*   *   *

Бандаи густохро маъзур медор, эй Худо,
Ин ки нофарзонае аз худ шавад фарзонасоз.

* * *

Гарчи зи ҳафт хонаи чашмам бурун шудӣ,
Андар чаҳор хонаи дил мондаӣ ҳанӯз.

* * *

Сад гунаҳ дораму шармандаам аз камгунаҳӣ,
Эй ҳама раҳмату эй мағфиратам, ҳеҷ мапурс.

* * *

Бимон зи ҳофизаат ҳамчунон зи гунбади субҳ,
Парад кабӯтари номам, вале саломат бош.

* * *

Нахустин туӣ, охирин ҳам ту бош!
Ҳамин як туӣ, ҳарду олам ту бош!

* * *

Намешояд ба ишқи чун мане ҳам нуқта бигзорӣ,
Пас аз нуқта тамошо кун давоми ман,
саломат бош.

* * *

Чу Сино омадӣ, эй чорасози охирини дил,
Ба Азроил то бахшӣ зимоми ман, саломат бош.

* * *

Зарбае расад аз хасм, зарбаи дигар аз дӯст,
Мешавад зи ҳар зарба зарбаҳои дил хомӯш.

* * *

Агар бечора ҳам бошам, ба дӯшам ин
рисолат ҳаст:
Ба оҳи дардмандон гӯш додан, гӯш додан, гӯш.

* * *

Видоъ, эй рафтаи ширин, шабат хуш буду
рӯзат хуш,
Дуруд, ояндаи зебо, шабат хуш боду рӯзат хуш.

* * *

Маро тамдиди фурсат соз, эй ишқ,
Ки дар пеши ту қарзамро кунам соф.

*       *       *

Завқе, ки дар фироқ бувад, дар висол нест,
Болотар аз висол бувад машраби фироқ.

*       *       *

Мақсудам аз фироқ таманнои васл нест,
Тамдиди ишқи туст ҳама матлаби фироқ.

*       *       *

Ҳар кӣ номардона бигрезад зи ту,
Бе ибо шарманда кун, эй ишқ, ишқ.

*       *       *

Лутф кун, тақдири ноҳамворро,
Бори дигар ранда кун, эй ишқ, ишқ.

*       *       *

Касе омад, туро бифшурд зери кафши хоколуд,
Надонист ӯ, ки ту нозил шудӣ аз кибриё, эй дил.

* * *

Ба шукри шеър, ба ҳаққи Худо, ба ҳурмати Ишқ
Тапиш бикун, тапиши тоза, боз, боз, эй дил!

* * *

Номи маро навиштӣ аз ҳошия бурунтар,
Номи Туро навиштам ман дар миёнаи дил.

* * *

Эй мардуми муосир, бар будани муҳаббат
Гӯед: кӣ тарафдор? Гӯянд: мо муқобил!

* * *

Ишқи туст, ишқи ту- бадтарин гуноҳи ман,
Балки, на, хато гуфтам- хуштарин савоби дил.

* * *

Дар бубастам аз дарун, то фикри осоиш кунам,
Ишқ як мушти гарон зад бар фаромӯшии дил.

*  *  *

Ояндаро чӣ гуна раҳонам зи наҳси нанг,
Ҳоло, ки бар гузаштаи худ дорам эҳтиром.

*  *  *

Ҳама қубҳам, ҳама ҷурмам, ҳама айбам,
ҳама нақсам,
Ҳаминам ман, барои беҳ аз ин будан намекӯшам.

*  *  *

Чунон мастам, чунон мастам, ки рашки
бода меояд,
Бигӯ бода маро нӯшад, ки ман бода наменӯшам.

*  *  *

Маро муҳаббати ту иқтидори ҳастӣ дод,
Ба хотири ту зиям, варна тӯъмаи адамам.

*  *  *

Ҳастам. Далели ҳастии ман разм бо худ аст,
Ҳастам. Мабар гумон, ки на ҳастам, на нестам.

*   *   *

Набиё, васл, эй хулосаи ишқ,
Набиё, фасли мунтаҳои дилам.

*   *   *

Ҳар касе буд гуҳарсанҷ маро гавҳар хонд,
Хаскашон кашф намуданд, ки ман низ хасам.

*   *   *

Чун дар оинаи чашми ту ҳақиқат ҷустам,
Гуфт чашмат, ки «вафодортарин булҳавасам».

*   *   *

Эй ғамат бо ману шодият они дигарон,
Шодии беш нахоҳам, ки ғами туст басам.

*   *   *

Гуфтам туро ба шиква: Аз ман хабар надорӣ,
Асли ҳақиқат ин аст: Аз худ хабар надорам.

* * *

Афтодаам раҳорaҳ аз пешпои қисмат,
Чашми бузург дорам, аммо назар надорам.

* * *

Қасам, ки ишқи туро мустақим ёфтаам,
На аз фалону фалонии ту пазируфтаам.

* * *

Натарсидам, дубора ИШҚ гуфтам,
Ба имон мурдаамро зинда кардам.

* * *

Чу беасле лаб олояд, ки ман бегонабунёдам,
Зи шарёнам занад фарёд хуни ориёиям.

* * *

Баҳори ман бирафту тирамоҳам низ хоҳад рафт,
Ишорат мекунанд ин раҳравон бар бебақоиям.

* * *

Пурси, чӣ хоҳӣ аз ману гӯям, ки ҳеҷ, ҳеҷ,
Бишнос эҳтиёҷи ман аз бениёзиям.

* * *

Ҳаҷри туст шӯрангез дар шаби афифи ман,
Васли туст шабнамрез дар хаёли раъноям.

* * *

Не ниҳон, на пайдоӣ, эй ниҳонтарин пайдо,
Доғи туст, доғи ту дар ниҳону пайдоям.

* * *

Чӣ гуна ноз фурӯшам, ки зери кафши замонам,
Бале, ба мотами ноз омадам, салом, азизам.

* * *

Каҷрав агар ҳаҷрав шавад, як ном ӯро нав шавад,
Аз нав ҳаром ояд бурун, гарчи дарояд дар Ҳарам.

* * *

Дар ин садсолагӣ бо ишқ паймон бастаам,
маъзур,
Гар аз рӯи шариат нест ин, аз рӯи қонун ҳам.

* * *

Ҳар гунаҳро тавба ҷуброн мекунад,
Тавбаро ман бо гунаҳ ҷуброн кунам.

* * *

Бодам, ки ҳар дақиқа ба ҳар сӯй мевазам,
Фармудаи Худой чӣ бошад, ҳамон кунам.

* * *

Гуноҳи ӯст, ки бар ман дусад гунаҳ бастаст,
Гуноҳи ман, ки сазовори бадгумониям.

* * *

Ишқ! Номи ту дигарбора барам ё набарам,
Зиндагӣ! Боз шамими ту шамам ё нашамам?!

*  *  *

Бо ҳама айб агар ҳанӯз бар ҳасади ту лоиқам,
Даст бидеҳ, рақиби ман, бо ту канор мекунам.

*  *  *

Ишқ, наё, наё, наё, ишқ, нарав, нарав, нарав,
Бо ту чӣ кор мекунам, бе ту чӣ кор мекунам.

*  *  *

Дигарон санг фиканданду ту як шохаи гул,
Ман на аз санг, ки аз зарбаи гул афтодам.

*  *  *

Ба ростӣ, ки ту гоҳи бадӣ, шабеҳи манӣ,
Чунон ки ман гаҳи некӯиям аз они туам.

*  *  *

Каломам шарқию фикрам фарангӣ,
Аҷибам, кӯҳнадӯзи навгароям.

* * *

Агарчи ишқи ту маро нишон надод рӯзи хуш,
Насибу рӯзият кунад диле, ки бар ту додаам.

* * *

Ҳар рӯзу шабам ҷоизаи раббонист,
Ин раҳмати Кирдгорро фаҳмидам.

* * *

Агар рафтам ҳазорон беҳтар аз ман боз меояд,
Бале, беҳтар зи ман меояд, аммо ман намеоям.

* * *

Ҳар чиро, ки ҳақ бишумурдам,
зиндагӣ бизад хати бутлон,
Фарқи байни ботилу ҳақ чист, ростӣ,
ҳанӯз надонам.

* * *

Бидеҳ дасти азизатро, зи ҳадди таб фароям бар,
Ки симоб аст хаста аз уруҷи таббарориям.

*   *   *

Пеш ову матарс аз ин садама,
То дил ба дилат андар бизанам.

*   *   *

Душманӣ варзиданат бо ҷадвали тақвим чист,
Борҳо поён шудем, эй дӯст, инак сар шавем.

*   *   *

Бар сардии ҳаво натавон ин гуноҳ баст,
Аз сардии муомилаҳо пир мешавем.

*   *   *

Эй сифр, аё «О»-и муаззам ба сириллик,
Ояндаи худро зи ту оғоз намудем.

*   *   *

Боз бо дунёву бо худ ҷанги дигар боядам,
Онҷунон ҷанге, ки «не»-и қисматамро «ҳо» кунам.

*   *   *

Розиям, розӣ аз гузаштаи худ,
Розиям, балки пушаймонам.

*   *   *

Бедард гӯр кардани ёди азизи ёр,
Инро ту метавонию бас, ман намекунам.

*   *   *

Нашавад дил зи ту баргираму озод кунам,
Ба гули себ қасам, боз туро ёд кунам.

*   *   *

Зиндагӣ нест чу иншои клоси охир,
Ки ба ҳар навъ, ки хоҳам, зи нав эҷод кунам.

*   *   *

Ту, ки мардона фаромӯш намудӣ, аҳсан,
Ман заифона туро ёд кунам, ёд кунам.

*   *   *

Дар масҷиди дил ишқ азон мехонад,
«К-эй нестӣ, аз баъди ту ҳам ман ҳастам!»

*   *   *

Роҳе, ки бар ҳақиқати ҳастӣ расам, куҷост,
Эй ишқ, ишқ, ишқ, чароғи мунаввараам!

*   *   *

Ёр агар бо ёди ман нест, аз чӣ ман бо ёди ӯям,
Номаҳоро бардаридам, бепаёмам, бедурудам.

*   *   *

Пурсише кун, ки посухе гӯяд
Раҳм кун бар лаби шакаршиканам.

*   *   *

Ин наям, ки мегӯям, он наям, ки мехоҳам,
Чун кунам, намеғунҷад хоҳишам дар имконам.

* * *

Бо чашми хасм бин, ки чӣ зиштам, чӣ зишт, зишт,
Бо чашми туст ин ҳама зебо намуданам.

* * *

Бигзашт вақти золиму боре мадад накард
Баҳри туро зи лавҳаи хотир зудуданам.

* * *

Раҳмдилам, варна ки мекуштам,
Як нигаҳи умррабоят кунам.

* * *

Ҷон най, эй ҷон, ки бидуни дареғ
Аз қафаси сина раҳоят кунам.

* * *

Ту бигӯиям, ки ҳайфо, сари гесувон буридӣ,
Назари тамаъ надорад ба саре каманди мӯям.

* * *

Надиҳам ба лаб иҷозат сухани нашустаеро,
Нашавад, ки ишқ ранҷад, ман агар ҷуз ӯ бигӯям.

* * *

Барои он ки маро бо ту рӯ ба рӯ овард,
Сипоси беҳади Парвардгорро дорам.

* * *

Гар маро беҳиҷоб мебинӣ,
Субҳам, оре, зи субҳ субҳтарам.

* * *

Васли ту ишқро халал бахшад,
Ҳаҷри ту менамояд иршодам.

* * *

Гаҳ сӯзи ҷонгудоз, гаҳе сози дилнавоз,
Гоҳе атову гоҳ балои муҳаббатем.

* * *

Моем ошиқони худододаи асил,
Яъне, ки шокирони ҷафои муҳаббатем.

* * *

Чӣ тасаллие бигӯям ба дили азогирифта,
Ки ҳазор сол пас ҳам накунад сафедпӯшон.

* * *

Ишқ, ишқи бигзашта дар дилам ҳамоно монд
Доғи аз ҳама пайдо, дарди аз ҳама пинҳон.

* * *

Дардо, ки нагзарад ишқ аз озмоиши васл,
Ҳаққо, ки бигзарад ишқ аз имтиҳони ҳиҷрон.

* * *

Чу пора- пора диламро ба ту фиристодам,
Ба лутф он ҳамаро пора-пора баргардон.

*   *   *

Дар кулбаҳои коҳгилӣ қути мушҳост,
Дипломҳои сурхи ҳама панҷхонакон.

*   *   *

Бинем, то куҷо ба саломат равонаанд
Дар раҳгузори ростравон сангмонакон.

*   *   *

Як лаҳза бин саодати нодонакон марост,
Як лаҳза пас азияти бисёрдонакон.

*   *   *

Эй рафта дар муқобили тақвим, мекунӣ,
Риши сафед хандахариши ҷавонакон.

*   *   *

Хуҷанди ман, Хуҷанди ман, ту,
эй хоки баланди ман,
Ту, эй хуршедшаҳри рӯшани оинабанди ман.

* * *

Имрӯз кушӣ, аммо фардо зи ғамам гӯйӣ,
Ҳам қотили ман ҳастӣ, ҳам марсияхони ман.

* * *

Ишқ карашма мезанад дар нигаҳи мунири ман,
Кистӣ, эй замири ту як шуда бо замири ман.

* * *

Ин ҳама бешабоҳатӣ мову туро шабеҳ кард,
Варна, бубин, намешавад, сояи ман назири ман.

* * *

Муҳаббат омаду аз роҳ боздошт туро,
Вагарна, чун ҳамаӣ сахт рафтагортарин.

* * *

Монда ба зери ғубор ёди маро ёди ту,
Сабз кунад дар канор ёди туро ёди ман.

* * *

Ку илоҷи не гуфтан, ҷон ба ҳуққа бинҳуфтан,
Чун хат ояд аз боло, ҳам ту меравӣ, ҳам ман.

* * *

Бо номи туст иншо, бо килки туст ифшо
Ҳам дардномаи ман, ҳам шодномаи ман.

* * *

Бо баста- баста розам, бо хирмани маҷозам
Баҳри ту боз гардад бе код номаи ман.

* * *

Чилшӯи чашмҳои чиҳилсола боядат,
Худро чу чашми нинии якрӯза сода кун.

* * *

Ашке, ки пас аз хиёнат орӣ,
Бар мурдаи ишқ покшӯ кун.

* * *

Саҷҷодаи субҳ интизор аст,
Бо шабнами нози ман вузӯ кун.

* * *

Ҷибрилсифат пеш о, хуршедсулули ман,
Дилро, ки ба ту додам, ҳар чӣ битавонӣ, кун.

* * *

Нест маро қудрати таҳрири вақт,
Баски нашуд аз азал иншои ман.

* * *

Гуфтам ба хома фикри фароғат чӣ мекунӣ,
Марг аст ин танаффуси бисёр кор кун.

* * *

Он ёр қоҳ-қоҳ занад дар ҷавоби оҳ,
Зону мазан, ҳақорати худро виқор кун.

*   *   *

Ёди варо, ки ёди туро ранҷ медиҳад,
Аз ёди босадоқати худ ихтисор кун.

*   *   *

Собуни барф доғи чаманро равондааст,
Собуни вақт, рӯҳи маро беғубор кун.

*   *   *

Вақте дубора ишқ биёяд, ки дил барад,
Розӣ нашав, ҳазор баҳона қатор кун.

*   *   *

Оина девор шуд, оина бардор, шуд!
Ҷуфт шавад бесухан ҷони туву ҷони ман.

*   *   *

Тайёрасавороне бар Каъба сафар карданд,
Эй ошиқи ҳаққонӣ, поро ба биёбон зан.

* * *

Шумораи тилифони маро зи борон пурс,
Зи пушти панҷараи сабзи ёд тилфун кун.

* * *

Ту беҳ зи ман бишиносӣ тариқати рафтан,
Салоҳи туст, ҳар он чи ту хостӣ, он кун.

* * *

Бо ту меҷангаму мебандам сулҳ,
Аз ҳама нағзи ману гандаи ман.

* * *

Ишқ, бахшо, ки тапиш дорад боз
Бе ту ҳам ин дили шармандаи ман.

* * *

Ишқ, ишқ, бар ман гӯ ҳадди мумкину мамнӯъ,
Аз биҳишт нозил шуд себи зери пироҳан.

* * *

Бар он ки ҳайӣ ё ки найӣ, нест далелам,
Эй ҷумла ҷаҳони ману эй як нафари ман.

* * *

Ба қалби ман, ки чун мамнӯъгоҳ аст,
Иҷозатномаат додам, гузар кун.

* * *

Пайки малакутӣ деҳ, фархундасафири ман,
Байни ману ман бодо ёди ту сафири ман.

* * *

Ёди ту зи ёди ман хоҳад хати озодӣ,
Аммо натавонад раст бечора асири ман.

* * *

Омӯз, асри бисту як, фарҳанги мо ҳам зистан,
То ҳол натвонистааст одам чу одам зистан.

*   *   *

Шояд бақои як нафас беҳ бошад аз умри абас,
Ҳаргиз надорад моҳият бисёр ё кам зистан.

*   *   *

Сад тозиёна хӯрдаам аз хасми осмон,
Ҳоло, ки боадаб шудаам ман, ҷазо накун.

*   *   *

Бо ишқ гӯ, ки рост ба роҳат равона шав,
Вопас наё, дубора диламро садо накун.

*   *   *

То зиндаӣ, хато бикун, эй осии малак,
Барҳақ хатост он ки бигӯям, хато накун.

*   *   *

Гӯям ба худ, ки валвала суде намекунад,
Кофист, бо қазову қадар моҷаро накун.

*   *   *

Пардаҳои ғафлатамро кай дарад
Зарбаҳои соати девори ман?

*   *   *

Шодӣ кунад рақиб, ки ин кӯча хатм шуд,
Ғофил, ки боз мешавад оғоз роҳи ман.

*   *   *

Кай ту бигӯӣ марҳабо, бонуи ман, бонуи ман,
Кай ман бигӯям ассалом, мавлои ман,
мавлои ман.

*   *   *

Зиндагӣ чанд диҳад фурсати некӣ кардан,
То нафас бо нафас оғӯш кунад, некӣ кун.

*   *   *

Дар ҳар аҷзои ту ангезаи сад Ҳурмуз ҳаст,
То аҷал ояду хомӯш кунад, некӣ кун.

*  *  *

Рафтан шумор омадани кӯтаҳи маро,
Ҷоно, ба дӯст доштани ман шитоб кун.

*  *  *

Он ёр даррасид бо ҳадяи бузург
Он ҳадяаш чӣ буд: Фардои нозанин!

*  *  *

Эй дӯст хориҷам кун аз ҳабси бадгумонӣ,
Мурдам зи шубҳаи ту,
н- аз теғи хашми душман.

*  *  *

То кай фаръ гуфтан, вақте ки асл як ӯст,
То кай туву туву ту, то кай ману ману ман?

*  *  *

Макун аз ошно бегонасозӣ,
Ба куштан куштиям, ёдоварӣ кун.

*  *  *

Бо ман агарчи ними нигоҳе накардаӣ,
Эй ишқ, бошу ба будан давом кун.

*  *  *

Ба зиндагонии ман дер омадӣ, фармо,
Ту эй қиёматии ман, ту эй қиёмати ман.

*  *  *

Чӣ омадан, ки накӯ бингарӣ, наомадан аст,
Маро бубахш, ки шукр аст ин надомати ман.

*  *  *

Чу бар ҳарими дилат рухсати вурудам нест,
Бигӯ, куҷост дигар ҷои истиқомати ман?

*  *  *

Кӣ кард саҷдасаро шаҳри сабзи чашми туро,
Надид дидаи мағрури ту каромати ман.

* * *

З-он пештар, ки даъвати рафтан фаро расад,
Бо худ, аё наомада, моро шинос кун.

* * *

Бимон, ки бар башарият шариат омӯзӣ,
Ҳар ибтикор, ки ай ишқ, метавонӣ кун.

* * *

«Ту» кун охир «Ман» – и муҳаққарро,
Аз ҳазорон ману туҳо «Мо» кун.

* * *

Чун номи ман ба номат дар осмон рақам шуд,
Бо туст сабз дар сабз милоду реҳлати ман.

* * *

Чун ишқи Эзад омад, сад ишқи зид фурӯ рафт,
Иззат шуду шараф шуд хориву зиллати ман.

* * *

«Ҳа-ҳа»- и мо бинои ҷаҳонро хароб кард,
Бахшанда бошу ҷуръати инкор ҳадя кун.

* * *

Пастобаланди ҷодаи бигзаштаро напурс,
Оянда, бар башар раҳи ҳамвор баста кун.

* * *

Бар ман, ки сахт куҳнапарастам, туи навин,
Ҳар шавқро, ки монда зи перор, ҳадя кун.

* * *

Бар ғунчаи дили ман, аё муҳри ҳурмузӣ,
Худро чунин ниҳону намудор ҳадя кун.

* * *

Бар аҷзи мо хандидагон худ низ оҷизтар буданд,
Зеро наомад гардашон то гӯшаи имони мо.

* * *

Кош, мепайваст дар поёни шаҳри Интизор
Ҷони дарёии ту бо ҷони дарёии ман.

* * *

Ин аҷаб дорам, ки бо ҳам ҳеҷ гаҳ ошиқ нашуд
Ҷони маҷнунии ман бар ҷисми лайлоии ман.

* * *

Ту номамро қатори дигарон дар понавишт орӣ,
Вале номи туям сарлавҳа шуд дар
сарнавишти ман.

* * *

На диниям, на дунёӣ, киям ман,
На дирӯзӣ, на фардоӣ, киям ман.

* * *

Ифшотар аз суоливу пайдотар аз ҷавоб,
Эй ишқ, ишқи то ба абад беҷавоби ман.

*   *   *

Дар дилат гарди муҳаббат буду он ҳам
пош хӯрд,
Бар тасаллият равам ё бар муборакбоди ту?

*   *   *

Ҳиммати кӯҳафкан аз ту хост ин арзанзамир,
Асли ноширини ман аз асли нофарҳоди ту.

*   *   *

Ҳолиё дарди тиҳӣ будан намедонӣ, ки чист,
Эй дил, эй гулдони пурхун, хуш ба ҳоли шоди ту.

*   *   *

Эй дил, эй дил, то кайӣ бар худ адӯ,
Аз дуӣ бигзар, як Ӯ бигзин, як Ӯ.

*   *   *

Ҳаҷр нишот аст, фаротар зи васл,
Шукри ҳамин лаҳзаи ҳиҷрон бигӯ.

* * *

Беиҷозаи омадӣ, инак, ба танҳоии ман,
Беиҷозат омадам, инак ба танҳоии ту.

* * *

Гар талхваш дидӣ маро, пеш ор қанди порсӣ,
Бо шир заҳрамро равон, яъне, сухан ширин бигӯ.

* * *

Агар оинаӣ, чашмобачашмат лол хоҳам монд,
Шабеҳи шона ову мӯ ба мӯ ҳарфи чигил бишнав.

* * *

Биё, василаи дил бастанам ба дунё шав,
Муаллифи ҳама оғозҳои зебо шав.

* * *

Бас, дигар нахоҳам буд сарнагуну парканда,
Рафтаро раҳо кардам, ассалом, оянда.

*   *   *

Зери кафши номардон ҳамчу мӯр мурдан чист,
Хезу доманат афшон, ҳой қалби шарманда.

*   *   *

Дур шав зи роҳи ман, эй касе, ки меоӣ,
Аз бурун ҳама атлас, аз дарун ҳама жанда.

*   *   *

Осмон кӯр нест, мебинад
Нағзро нағзу гандаро ганда.

*   *   *

Ишқ меояду намеояд,
Ишқи ояндаву наоянда.

*   *   *

Сактаи дил аст ин ишқ, чора кун, табиби ғайб,
Варна чун кунам бо ин дарди бедаво гашта.

* * *

Ногаҳон телфун садо зад, Кист? - гуфтам,
гуфт: Маҷнун!
Аз куҷо? – пурсидам ӯро, дод посух: - Аз фасона.

* * *

Оҳ танг омад дили ман, вусъате хоҳам, ки бошад,
Хона гӯяд: рав ба кӯча. Кӯча гӯяд: рав ба хона.

* * *

Мардона дил аз ғилоф баркаш,
то хуни чакида ишқ гӯяд,
Дар ишқ чӣ кор кардаӣ ту,
ҷуз бофтани ду-се фасона?!

* * *

Аз қалби садобшустаи ман
Зангори гуноҳ меравад. На?!

*   *   *

Туи яктотаринро ёфтам ман,
Дигар ҳаргиз намеҷӯям дугона.

*   *   *

Чу баҳор мебиёям ҳама гул, ҳама тарона,
Ба ту чеҳра менамоям ҳама гул, ҳама тарона.

*   *   *

Баршав, ки ту ҳам бошӣ ҳаммартабаи хуршед,
Хуршед наметаркад бо бомбаву бо мина.

*   *   *

Бо кӯчашитобиҳо ин ҷумъаву ҳар ҷумъа
Бозор равӣ, эй дил, ё масҷиди одина.

*   *   *

Ин ишқи бариниро бурдем ба фардоҳо,
Он ишқи заминиро мондем дар он дина.
Аммо ту заминиӣ, яъне ки бариниӣ,
Сабзӣ, ҳама дам сабзӣ, эй ёди баҳорина.

*   *   *

Обу ҳавои гил дигар, обу ҳавои дил дигар,
Ин ҳарду восил ё ҷудо сад аср ё як сония.

*   *   *

Маҳи нав чӣ бошад ба мо-кӯҳнафикрон
Як абрӯ ишора, ишора, ишора.

*   *   *

Эй дӯст, кунам дуои ҷонат,
Бо он ки наӣ зи ҷонам огоҳ.

*   *   *

Зиндагӣ зи ташвишаш гирди ман ҳисоре сохт,
Гаҳ гадои озодам, гоҳ бандиям чун шоҳ.

*   *   *

Фалакро кардаӣ аз роҳ бероҳ,
Ало, эй ишқ, ишқи ғофилогоҳ.

* * *

Ҳама румантикаҳо бо баҳор мегузаранд,
Бадеъият натавон ёфтан зи обонмоҳ.

* * *

Ишқ, эй муршиди ман, номаи иршодам деҳ,
Мурда ҳам бошам агар, ҳуҷҷати милодам деҳ.

* * *

Аз ту бигрехтанам ҷониби ту рафтанҳост,
Ё маро соз ва ё бишкану барбодам деҳ.

* * *

Ин ҳарами шашдара пур бувад аз манзара,
Чашм, ки додӣ маро, завқи нигоҳам бидеҳ.

* * *

Ба бирав гуфтанам, нахоҳӣ рафт,
Ба биё гуфтанам, намеоӣ.

* * *

Бетуӣ маргтар зи марги ман аст,
Ту чӣ бемояӣ, ки бемоӣ.

* * *

Афсӯс, ки қисмат шуд ҷуз ман ба ҳама олам
Ишқи туи хуршедӣ, меҳри туи дарёӣ.

* * *

Ҷуғзе ба номи «афсӯс» дар ин хароба боқист,
Акнун, ки кӯч баста хубиву дилрабоӣ.

* * *

Салом, дузди дили ман, ба дуздият нозам,
Ниҳон гурехтиву ошкора меоӣ.

* * *

Раҳкалон аст маро дафтари ҷон ё қафасӣ,
Бо се ҳарф аст алифбои дилам миноӣ.

* * *

Бо ҳузури афзунам чашми дӯст озурдам,
Боз боядам рафтан бар ҳарими танҳоӣ.

* * *

Насозад хомаи машшота таҳрир,
Рухамро дар салуни дилрабоӣ.
Чу набвад рангу бӯи кибриёӣ,
Чӣ ҷои рангу бӯи кимиёӣ.

* * *

Мифтоҳ, ки гум гардид, дарро ҳама бишкастанд,
Бо даст, ки дар бастӣ, бо пой чӣ бикшоӣ.

* * *

Адӯ гӯяд, ки гарди сӯзише нест,
Дар ин шеъри тунукмағзи китобӣ.
Чӣ ҳам гӯям, ки он бечора дорад,
Ҳамин як ихтисоси айбкобӣ.

* * *

Аҷаб кайфияте дорад муҳаббат,
Агар маҳкум шуд бар беҷавобӣ.

* * *

Наӣ ту бо дили ман ҳамситора,
Ту бо ман то абад ҳамофтобӣ.

* * *

Нашуд ҳамхобу ҳамбедор боре,
Ду дил аз ғояти бедорхобӣ.

* * *

Ҷуз рутбаи инсониям чизе мадеҳ, эй шоҳи кулл,
Эй дода бар беҷавҳарон хӯи сагиву маркабӣ.

* * *

Ҳаргиз касе холӣ накард аз мансабаш хуршедро,
Чун офтобам менишон дар қуллаи бемансабӣ.

*  *  *

Субҳи шамсхирман шав, матлаи нави ман шав,
Ишқ, ишқи поянда, ман равам, ту мемонӣ.

*  *  *

Аз чӣ, эй мардум, тааҷҷуб мекунед аз ҳар хатоям,
Пас чӣ мехоҳед аз ман, аз мани ноосмонӣ?

*  *  *

Моҳ меҷустем вақте, баъд аз ин моҳона ҷустем,
Ҷадвалӣ гаштем бо ҳам бо гузашти зиндагонӣ.

*  *  *

Он мани аввал чӣ ошиқ, он мани сонӣ чӣ беишқ,
Ҳарфи аввал ҳарфи дил буд,
ҳарфи баъдиям забонӣ.

*  *  *

Ҳушёр нагардидем он қадр, ки ин афлок
Андар сару рӯи мо силӣ заду шаппотӣ.

*   *   *

Ҷон туӣ, ки умрамро аввaливу поёнӣ,
Чун кунам сабукдӯшат аз мақоми ҷононӣ?

*   *   *

Пои фикри ман доим ботаҳорат аст, аммо
Мекунад ба сӯи ту рафтуои пинҳонӣ.

*   *   *

Ин ҳама депрессиёву оҳу афғон кам накард
Рағбати васли маро бо субҳу шоми зиндагӣ.

*   *   *

Паст, ки меравад касе, бояд аз ӯ баланд буд,
Некӯӣ аст ё сукут посухи ман ба душманӣ.

*   *   *

Гарчи баҳори сархуш бехайрухуш зи мо рафт,
Эй дил, магӯй падруд бо фасли дӯстдорӣ.

*   *   *

Барои он ки як дам дар ҳаёти ман дурахшидӣ,
Аз ин пас ҳар нафас мемириву ҳаргиз намемирӣ.

*   *   *

Туӣ он ҳозиру нозир, ки ҳар гоми каҷи моро,
Набудастиву мебинӣ, надидастиву медонӣ.

*   *   *

Дар он фасли шукуфтанҳо фиреби бод мехӯрдам,
Куҷоӣ, офтоби ман, дар ин рӯзони боронӣ?

*   *   *

Худои ман ба кас некӣ кунам, наздик меоӣ
В-агар ба душмании кас бикӯшам, дур мемонӣ.

*   *   *

Баъд аз ин абр шудам, абртар аз абр шудам,
Ки на хуршедии ман монд дигар, на қамарӣ.

* * *

Барғалат буд чунин роҳи абас пӯидан,
Ман, ки ҷустам малакиро зи ниҳоди башарӣ.

* * *

Дар номаи дили ман чун соядасти Аллоҳ
Эй ишқ, ҷовидон бош, эй ишқ, доимо зӣ!

* * *

Эй ёр, гарчи гоҳе лағзидаи чапу рост,
Меҳроби меҳри ман бош, эй асли ту намозӣ.

* * *

Шайх дар гӯшаву девона миёни майдон
Ҳар ду хуш нағма бихонданд,
ки лай лай лай лай.

* * *

Хез аз ҷову нигаҳ кун, ки саодат омад,
Хуфтае чашм набикшодаву мепурсад: кай?

* * *

Лаззатест танҳоӣ, лаззате, ки дарёбӣ,
Баъд аз он намеҷӯӣ лаззати ҳамоғӯшӣ.

* * *

Гуфтиям: Намедонӣ таъми себи мамнӯъӣ,
К-аз дукони шарбатҳо оби себ менӯшӣ.

* * *

Худоё, офтоби умри ман бар нимарӯз омад,
Кунун ёқути сурхам дар миёна метапад ё не.

* * *

Дар ин торе, ки мехоҳам муноҷоти ту бинвозам,
Ҳанӯз оҳанги он ёр аст, мебахшӣ, намебахшӣ.

* * *

Дар бубастам, ки пур аз шаъшааи ёр шавам,
То ба гумномии ман рашк барад машҳурӣ.

*   *   *

Он табиби дил гуфто: Мекунам туро ташхис,
Ишқро намебинад дастгоҳи ҷопонӣ.

*   *   *

Панҷараҳоро зи дарун бастаӣ,
Боди саборо зи куҷо мехарӣ?

*   *   *

Он чӣ ба мо рафт, туро ҳам равад,
Дафъи қазоро зи куҷо мехарӣ?

*   *   *

Иззату меҳру шарафу ишқро,
Ту, туи доро зи куҷо мехарӣ?

*   *   *

Хомӯш чун исторагон тобем бо ҳам як назар,
Чашмони ман гӯяд «бирав»,
чашмони ту гӯяд «биё»

*Фарзона*

# *Ношири баҳор*

Муҳаррир:
**Фирӯза Қаюмова**
Мусаҳҳеҳ
**Гулзира Ҳакимова**

Ба матбаа 4.10.2019 супорида шуд. Ба чоп 22.10.2019 имзо шуд. Андозаи қоғаз 60х84 1/32. Қоғази «Снегурочка». Ҷузъи чопӣ 3,25. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Супориши №4979. Теъдод 500 нусха.

Матбааи «Ношир»
735714 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи Сейтвелиев 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj